**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15 адабиёти тоҷик, равобити адабӣ). – Душанбе, 2026. – 184 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертстсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи «Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик» бо шиносномаи ихтисоси илмии 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) комилан, мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Дар раванди инкишофи тамоюлҳои адабии садаи гузаштаи мардуми тоҷик шахсиятҳои барҷастаи таъсиргузор иштироки фаъол доштаву хидмати шоиста анҷом додаанд. Онҳо бо фаъолияти арзандаи илмиву адабӣ ва шахсияти барозандаи худ, на танҳо дар пешрафти илму адаби миллии тоҷик саҳми мондагор гузоштаанд, ҳамчунин бо таълифоти илмию адабияшон дар шаклгирии муҳити илмӣ ва адабии Душанбе – пойтахти навини бахти тоҷикон бунёди устувор гозоштаанд.

Дар саргаҳи ин муҳити адабии ормонии тоҷикон устод Садриддин Айнӣ қарор дошт. Ӯ ҳам бо таълифи осори арзишманди илмиву адабӣ ва ҳам шахсан, барои тарбияи бевоситаи ҷавонони боистеъдоди тоҷик ва ба роҳи дуруст ҳидоят намудани онон хидматҳои бедареғ ба сомон расонидааст. Яке аз ин гуна ҷавонон, ки ёрии содиқонаи пири хирадманди адабиёти тоҷик устод Айниро дар тарбияи маънавии худ борҳо эҳсос кардааст, Расул Ҳодизода мебошад. Ин ҷавони ташнаи илм дар зери роҳнамоиҳои Айнӣ ба камол расида, баъдан чун донишманди сохибмактаби илми адабиётшиносӣ дар таҳқиқи муҳимтарин паҳлуҳои илми мазкур хидмати шоиста анҷом додааст. Мавсуф, ки аз замони мактабхонӣ бо осори устод Айнӣ ошноӣ пайдо кардаву навиштаҳои ӯро бо шавқ мехонд, ба шахсияту осори ӯ дил баст. Устод Айнӣ дар сиришти ин ҷавони ҷӯё истеъдоди пажӯҳандагиро дарёфта, ӯро роҳнамоӣ кард ва тавсия дод, ки ба таҳқиқи адабиёти асри XIX тоҷик ҷиддӣ машғул гардад. Ва шогирди вафодори ӯ ба таҳқиқи ин мавзуъ машғул гардиду комёб шуд.

Омӯзиш ва таҳқиқи монографии зидагинома ва мероси илмии шахсиятҳои маҳбубу таъсиргузоре чун Расул Ҳодизода боиси шинохти равишҳои мутадовили илмӣ дар давраҳои гуногуни инкишофи илми адабиётшиносӣ ва хусусан, замони шуравӣ мегардад. Зеро ин давра яке аз давраҳои пурсамари инкишофи илми адабиётшиносӣ буда, бунёди

илми академии тоҷик маҳз дар ин давра гузошта шуд. Бо талошҳои устод Айнӣ мактаби равишманди илми адабиётшиносӣ ба вуҷуд омад. Бо таълифи нахустин пажӯҳишҳои илмии адабиётшиносии ӯ таҳқиқу пажӯҳиши ҷиддии адабиёти гузаштаи халқамон оғоз гардид. Минбаъд шогирдони устод Айнӣ роҳи пуршарафи устоди худро идома дода силсила тадқиқотҳо анҷом доданд.

Зиндагинома ва осори арзишманди илмии Расул Ҳодизода, ки аз замони донишҷӯйӣ то вопасин рӯзҳои зиндагии ӯ, ки дар иртибот бо шебу фарозҳои таърихиву фарҳангии халқи тоҷик ва гардишҳои иҷтимоию сиёсии замон дар таносуб ва ҳамоҳангӣ сурат гирифтааст, сазовори омӯзиши илмист. Ҷойи чунин таҳқиқоти илмӣ то кунун холӣ буд. Дар ҳаҷми як рисолаи илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтани корномаи илмию адабии мавсуф ва ҳамнаслони ӯ муҳимму зарурӣ ва ниёзи илми адабиётшиносӣ мебошад.

Диссертант вазифаҳои муҳимми дар пешгузоштаи худро дар асоси маводди муътамади сарчашмаҳо баррасӣ намудааст, ки мубрамии мавзуи диссертатсияро тасдиқ менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии асосии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки диссертант бори аввал дар асоси сарчашмахои муътамади илмӣ ҷойгоҳи Расул Ҳодизодаро дар илми адабиётшиосӣ ва офаридани асарҳои таърихӣ бо санаду далелҳои мушаххас таъин намудааст. Ҳамзамон, навгонии диссертатсияро диссертант дар ҳашт банд ба таври мушаххас баён намуда, тамоми онҳоро дар раванди баррасии илмии мавзуъ ботаъннӣ ба мулоҳиза гирифтааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Матни диссертатсия дар асоси меъёрҳои санҷидашудаи адабиётшиносӣ, аз ҷумла далеловарӣ, муҳокимаронӣ, баҳс ва натиҷагирӣ омода шудааст. Асос ва пояи онро маводди саҳеҳи илмӣ ва адабӣ ташкил мекунад, ки ба асолати он шакку тардиде нест. Аз ин рӯ, натиҷагириҳо, хулосабарориҳо ва равишҳое, ки дар кори диссертатсионӣ манзур шудааст, маҳсули ҷусторҳои илмӣ буда, ҳамагӣ қобили эътимоданд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима диссертант мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, равишҳои таҳқиқро мушаххас баррасӣ намуда, баъдан нуктаҳои меҳварии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, навгонии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот,

мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довтлаби дараҷаи илмиро дар таҳқиқи мавзуъ шарҳу тавзеҳ додааст.

Боби якуми диссертатсия – **«Аҳвол ва осори Расул Ҳодизода»** дар ду фасл фароҳам омадааст. Дар фасли аввали боби якум, ки «Зиндагиномаи Расул Ҳодизода» ном дорад, дар асоси маълумоти китоби хотироти нависанда «Худоё худро бишносам» зиндагиномаи илмии Расул Ҳодизода, офарида шудааст. Диссертант дар бораи баромади иҷтимоӣ, аҳволи хонавода, обову аҷдоди маърифатпарвари Расул Ҳодизода, ки аз табори хоҷагони мираконӣ будаанд, маълумоти муфассал зикр намудааст. Расул Ҳодизода адабиётшиноси нуктасанҷ ва адиби таърихнигор буд. Диссертант саъй кардааст, ки ҳунари нависандагӣ ва маҳорати пажӯҳишгарии ӯро дар робита ба тарбияи хонаводагӣ ва таъсиргузории намоядагони илмдӯсти хонаводаи мавсуф хусусан, падару модар, бобову бибии нависанда баррасӣ намояд.

Пас аз хонавода шахсиятҳои таъсиргузоре чун устод Садриддин Айниву Турсунзода ва таҷриба андӯхтан дар муҳитҳои илмии Самарқанду Тошканд ва Маскаву Душанбе шахсияти илмӣ ва адабии Ҳодизодаро шакл додаанд, ки дар бораи ҷузъиёти ин таъсирпазирӣ ва таҷрибаандӯзиҳо диссертант маълумоти мудаллал овардааст.

«Осори илмӣ ва бадеӣ – таърихии Расул Ҳодизода» номи фасли дуюми боби аввали диссертатсия буда, диссертант тамоми осори илмӣ ва бадеии адабиётшинос ва нависандаро як-як баррасӣ намудааст.

Фаъолиятҳои илмии чашмгиру бесобиқаи адабиётшиносро дар рӯдакипажуҳӣ, донишшиносӣ, шоҳиншиносии ботаашӣ ва резакорона ба баррасӣ гирифтани диссертант аҳаммияти илмии таҳқиқоти ӯро меафзояд.

Таҳлили илмии равиши пажӯҳишии Расул Ҳодизода дар шинохту омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти асри XIX ва чеҳраҳои намоёни адабии он аср дар диссертатсия хуб анҷом гирифтааст.

Саҳми Расул Ҳодизодаро дар шинохти сарчашмаҳои асосии адабиёти асри XIX ва нигориши феҳрасти нусхаҳои хаттӣ барҷаста нишон додани диссертант ҷавҳари фаъолиятҳои илмии адабиётшиносро барои хонанда бозкушоӣ менамояд. Дар ин зерфасл диссертант саҳми адабиётшиносро дар офаридани чеҳраи бадеии Аҳмади Дониш ва таъин намудани ҷойгоҳи маънавии ин алломаро дар замони тираи аморати Бухоро мондагор арзёбӣ намуда, андешаҳои илмии худро бо истинод ба сарчашмаҳои муҳимми адабӣ ва таърихӣ мустанад намудааст.

Дар ин фасл ҷойгоҳи адабиётшиносро дар офаридани силсилаочеркҳо аз Таърихи адабиёт махсус таъкид намуда, хулоса кардааст, ки Расул Ҳодизода дар таърихиадабиётнависӣ низ хидмати

бесобиқа дар илми адабиётшиносии тоҷик анҷом додааст. Силсилаочеркҳо аз таърихи адабиёт, на танҳо дар зери роҳбарии бевоситаи ӯ навишта шудаанд, балки чандин боби онро низ худи ӯ таълиф кардааст. Аз ҷумла, бобҳои Анварӣ, Заҳири Форёбӣ, Муиззӣ, Асириддини Ахсикатӣ, Рашиди Ватвот, Ҳилолӣ ва дигаронро худи ӯ навиштааст.

Диссертант мазият ва норасоии таҳқиқоти Расул Ҳодизодаро ботаннӣ баён намудааст, ки аз мустақилии андешаҳои илмии ӯ гувоҳӣ медиҳанд.

Ҷойгоҳи Р. Ҳодизода дар сафарноманависӣ дар мисоли китоби «Самарқанднома» бо шарҳу тафсири муфассали бодалел дар диссертатсия таъин гардидааст.

**«Таҳқиқи мушкилоти таърихи адабиёт ва рӯзгору осори адибон»** унвони боби дувуми диссертатсия мебошад. Он аз ду фасл иборат буда, фасли аввал «Назари муҳаққиқ ба масъалаҳои муҳимми таърихи адабиёти гузашта ва муосири тоҷик» номгузорӣ шудааст, ки дар он доир ба манбаъҳои муҳимми адабиёти асри XIX бо тафсил сухан рафтааст. Диссертант дар асоси таҳлили таҳқиқоти Расул Ҳодизода «Манбаъҳои омӯзиши адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX» ва тавсияҳову андешаҳои муаллифи он мулоҳизаҳои илмӣ баён намуда, аз ҷумла навиштааст: «... Рисолаи ӯ (Расул Ҳодизода – А.М.) манбаъҳои омӯзишии адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX» қадами аввал ва ҷиддӣ дар таҳқиқи яке аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносии тоҷик – манбаъшиносӣ ба ҳисоб меравад» (диссертатсия, с.62).

Дар ҳамин фасл диссертант дар бораи маъхазҳои дигари асосие, ба монанди асарҳои Возеҳ, Шаръӣ, Ҳашмат, Абдӣ, Афзалмахдум, Муҳтарам ва Садри Зиё, ки тазкираҳои онон дар омӯзиши адабиёти асри XIX маълумоти фаровон медиҳад, андешаҳои Ҳодизодаро оварда, ӯро барҳақ нахустин сарчашмашиноси адабиёти ин давра донистааст.

Расул Ҳодизода ҳамчунин нахустин бор дар бораи маъхази дигар – дафтарҳои шахсии шоиру нависандагони асри XIX маълумот дода, мазмуну мундариҷаи он дафтарҳоро аз назар гузаронидаву доир ба аҳаммияти фавқулода бузурги онҳо андеша рондааст.

Фасли дувуми боби дувуми диссертатсия **«Таҳқиқ ва арзёбии хусусиятҳои мундариҷавӣ ва бадеии осори гузаштагон дар пажӯҳишҳои муҳаққиқ»** ном дошта, дар он низ осори адабиётшинос таҳлил шудааст.

Диссертант назари адабиётшинос ба ҳикоятҳои «Ҳоҷӣ», «Марди аҷамӣ», «Саргузаштҳои Мулло Хол» ва «Шукурбек»-ро, ки Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» таҷассум кардааст, ба таҳлил гирифта, таъкид менамояд, ки адабиётшиноси мазкур бори аввал ба мавзуъ ва

муҳтавою ғояи ҳикоятҳои зикршуда таваҷҷуҳ зоҳир намудаву ба таҳлили бадеии онҳо кӯшиш кардааст. Мисли ҳамин муҳаққиқ асарҳои ҳамзамонони Дониш Возеҳ ва Шоҳинро низ мӯшикофона таҳлил намуда, аҳаммияти онҳоро рӯшан кардааст. Дар ҷараёни омӯзиши арзиши мероси адабии адибони асри XIX муҳаққиқ таъсирпазирии Аҳмади Донишро аз Муҳаммади Ғаззолӣ, Бедил, Шаҳобиддини Ҳамадонӣ ва дигаронро мушаххас намудааст, ки то он замон касе ба таҳқиқи ин масъалаҳо иқдом накарда буд.

Диссертант саҳми чашмгири Расул Ҳодизодаро дар омӯзиши мероси устод Рӯдакӣ ва ҳамзамонони ӯ, хусусан сирри мондагории шеъри ӯро бо далелу санадҳои илмӣ собит намудааст ва маҳз бо пешниҳод ва ибтикори ӯ 22 сентябр ҳамчун Рӯзи Рӯдакӣ қабул гардид.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки **«Нақши Расул Ҳодизода дар ташаккул ва таҳаввули насри таърихии тоҷикӣ»** унвон гирифтааст, тамоми осори насрии Расул Ҳодизода, ба монанди ҳикояҳои таърихии «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён», «Қасидаи доғгоҳ», «Парвози Шоҳин», «Танбӯри Дилкаш», қиссаҳои «Сапедадам», «Ишқи духтари Рум», романи дугонаи «Ситорае дар тирашаб» ва «На ситораҳо мерезанд»-ро, ки дар бораи Рӯдакӣ, Фаррухӣ, Кароматуллоҳи Дилкаш, Шоҳин ва Аҳмади Дониш ба тарви бадеӣ қисса менамояд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар раванди таҳқиқу баррасии осори насрии нависанда мақолаву таҳқиқоти адабиётшиносону нақидони адабиётро, ки доир ба осори нависанда эҷод шудаанд, омӯхта ва мавриди истифода қарор додааст, ки ҷанбаи илмии диссертатсияро қавӣ менамояд.

Диссертант заҳматҳои нависандаро дар офаридани чеҳраи воқеии Аҳмади Дониш дар лобалои воқеаҳои гуногуну печидаи сиёсӣ ва иҷтимоии замон дар романи дугонаи ӯ ҷустуҷӯ намуда, ба хулосаҳои илмӣ расидааст. Андешаҳои муаллифи рисола дар бораи жанр ва сохти осори бадеии нависанда низ баён шудаанд.

Дар фасли аввали боби сеюми диссертатсия, ки **«Таҷассуми симои шахсиятҳои таърихӣ дар ҳикоя, қисса ва романҳои нависанда»** ном дорад, маҳорати чеҳраофарӣ ва шахсиятшиносии нависанда ба таҳқиқи муфассали илмӣ гирифта шудааст.

Диссертант ҳунари тасвирофарии нависандаро дар офаридани чеҳраҳои адибони гузашта ба мушоҳида гирифта, аз ҷумла чунин вижагии ҳунарии ӯро таъкид менамояд: «Яке аз имтиёзоти ҳунари нависандагии Расул Ҳодизода дар тасвири воқеиятҳо ва сарнавишти шахсиятҳои таърихӣ он аст, ки дар тасвир тамоюли воқеъгароии маҳз надорад»... (диссертатсия, с.119). Чунин натиҷагириҳои диссертант дар

таъин намудани ҷойгоҳи адабии нависанда дар адабиёти муосир ва хусусан, нақши ӯ дар инкишофи насри таърихӣ ёрӣ хоҳад кард.

Дар диссертатсия ҳунари чеҳраофаринии нависанда дар робита ба бозкушоии воқеаҳои сиёсӣ ва пурталотуми иҷтимоии асри XIX ва таъсири амиқи онҳо дар руҳияи равшанфикроне, чун Донишу Шохин, Савдо, Садри Сарир ва дигарон таҳлилу баррасӣ гардидааст. Намоишномаҳои нависандаро низ муаллифи рисола ба баррасӣ гирифтааст.

Фасли дувуми боби сеюми диссертатсия **«Хусусиятҳои сабки нигориши нависанда»**, чунонки аз унвонаш пайдост, ба баррасии ҳунари нависандагӣ, забону сабки баён ва маҳорати адабии нависанда дар офаридани чеҳраи адибони барҷастаи гузашта дар робита бо дониши адабпажӯҳии нависанда ихтисос дода шудааст. Андешаҳои диссертант дар таҳлили сабку равиши нависанда ҷолиб буда, вижагиҳои сабкии ӯ бо далелҳо таҳлил шудааст.

Диссертант сабку ҳунари нависандагии Расул Ҳодизодаро дар ҳикояву қиссаҳо ва дар мисоли персонажҳои офаридаи ӯ таҳлил намуда, ҳамчунин назари интиқодии худро низ баён намудааст.

Хулосаи диссертатсияи Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин фарогири асоситарин ва муҳимтарин натиҷагириҳои илмии муаллиф буда, дар 13 банд фароҳам омада, натиҷаи омӯзиш, ҷустуҷӯ ва пажуҳиши масоили тарҳрезишуда дар бобу фаслҳои диссертатсия мебошад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсияро** бо далелҳо муайян кардани ҷойгоҳи илмӣ ва адабии Расул Ҳодизода дар таърихи адабиёти тоҷикии садаи бист бармало месозад. Инчунин, натиҷа ва хулосабарориҳои аз таҳқиқ берун омада, донишҳои назариро дар шинохт ва арзёбии ҷараёни инкишофи адабиёти гузаштаву имрӯза фузун месозад, ки ҷустуҷӯҳои бадеии Р. Ҳодизодаро нишон медиҳад.

Аҳаммияти амалии кори диссертатсионӣ дар он мушаххас мешавад, ки матни таҳқиқӣ ва натиҷаҳои пажуҳиш дар таълифи таърихи адабиёти классикӣ ва муосир, таърихи нақди адабӣ, навиштан ва мураттаб намудани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз таърихи адабиёт, суханрониҳо дар хусуси насри таърихӣ ва мустанад истифода шуда метавонад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Коркарди илмии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф дар

маҷмуъ, 6 адад буда, 4 мақолаи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида, бо мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқи диссертатсионии диссертант робитаи мустақим дошта, нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни онро бозтоб менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Бо вуҷуди таҳлилу таҳқиқи муҳимму диққатҷалбкунанда ва андешаҳои мустақилонаи назарраси илмӣ дар диссертатсияи тақризшаванда норасиҳо низ ба чашм мерасанд:

1. Расул Ҳодизода шахсияти чандбуъда: адабиётшинос, забоншинос ва нависандаи пурмаҳсул буд. Дар кадоме аз паҳлуҳои фаъолияти эҷодии худ бештар комёб будани ӯро кашф ва баён намудан яке аз зарурatҳои муҳимми ин пажӯҳиш буд. Шояд дар оянда диссертанд ба ин нукта ҳам таваҷҷуҳ намояд.

2. Расул Ҳодизода бо гирд овардани калимаву таъбирҳои гӯйишии мардуми Самарқанд фарҳангномаи «Самарқандиён чӣ мегӯянд?»-ро мураттаб сохта, забоншиноси нуктадон будани худро низ исбот намуд. Хуб мебуд, арзиши илмии ин китоби муҳаққиқ ҳам таъин мегардид. Аз он дар рисола танҳо ном бурда шудааст бас.

3. Донишманди маҳбуб доир ба тасаввуф низ тадқиқоте анҷом дода буд. Ин таҳқиқотро дар робита бо қиссаи Мансури Ҳаллоҷ аз назари таҳқиқ гузаронидан имкон дошт.

4. Расул Ҳодизода аз зумраи адабиётшиносони номваре буд, ки дар лаҳзаҳои ба мушкилӣ ва бунбасти ахлоқӣ гирифтор гардидани ҷомеа як силсила суҳбатҳои телевизионӣ анҷом дод ва тарафҳои даргирро ба эътидолу адолатхоҳӣ даъват кард ва он суҳбатҳоро дар шакли китобе даровард, бо номи «Ахлоқ ва ҷомеа», ки яке аз муҳимтарин навиштаҳои ӯ барои насли ҷавон мебошад. Аз он китоб номе бурда нашудааст.

5. Дар диссертатсия ғалатҳои имлоӣ, услубӣ, техникӣ (саҳифаҳои 13, 18, 20, 22, 25, 26, 28, 36...) роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро меафзояд.

Эродҳои зикршуда ислоҳшаванда буда, хусусияти тавсиявӣ ва пешниҳодӣ доранд.

**Хулоса,** диссертатсияи Аҳмадзода Комрон Наҷбуддин дар мавзуи **«Расул Ҳодизода – муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик»** таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Дар ин асос, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ,
ходими пешбари илмии Институти
забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Маликова Анзурат Садуллоевна

«04»-уми августи соли 2026
**Нишонӣ:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский 46, х.27
Тел.: (+992) 915- 04-19-75
E-mail: anzuratm-2005@mail.ru

Имзои А. Маликоваро тасдиқ мекунам:
нозири шуъбаи кадрҳои Институти забон ва
адабиёти ба номи Рӯдакӣ АМИТ Давлатов Фирдавс Қосимович

**Нишонӣ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21.
Тел.: +992 (37) 227-29-07, +992 (37) 221-70-30.
E-mail: iza.rudaki@gmail.com
Сомонаи расмӣ: www.izar.tj

«04»-уми августи соли 2026.